# СУРАТҶАЛАСАИ №29-КЭ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

аз 11 феврали соли 2025

Ҳайати шурои диссертатсионӣ иборат аз 11 нафар тасдиқ шудааст.

**Иштирок доштанд:** Аз 11 нафар ҳайати шурои диссертатсионӣ, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.09.2024, №321/шд тасдиқшуда, 9 нафар иштирок доштанд: Сафаров Ш.А. - раиси шуро, Ҳоҷиматова Г. – муовини раиси шуро, Муҳиддинзода Б. – котиби илмии шуро, аъзои шуро: Каримова И.Х., Иматзода Л.М., Шербоев С., Раҳимзода Х., Рӯзиева Л.Т., Давлатшоев И. аз ҷумла 5 нафар докторони илм доир ба самти диссертатсияи баррасишаванда. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода шавад. Пешниҳоди дигар нест? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

## РӮЗНОМА:

Ба баррасии муқаддамотӣ қабул кардани диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва таъйин кардани комиссияи экспертӣ,

## ШУНИДА ШУД:

Аз рӯйи масъалаи якум гузориши раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ Сафаров Ш.А. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Муҳиддинзода Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Носиров Саъдулло Шукулоевич, аз ҷумла диссертатсия ва автореферат (бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) мувофиқат

мекунанд ва унвонҷӯй ҳуҷҷатҳои дигарро низ тибқи муқаррарот пешниҳод намудааст. Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ҷиҳати ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, барои ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Каримова И.Х.. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссия;
- Лутфуллозода М. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзои комиссия;
- Давлатшоев И. – доктори илмҳои педагогӣ, аъзои комиссия.

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории қарори мазкур: “Тарафдор” – 9 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест.

3. Комиссияи ташхисӣ вазифадор карда шавад, ки дар мухлати муайяншуда хулосаи комиссияи ташхисиро ба шуро пешниҳод намояд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ** **Сафаров Ш.А.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ** **Муҳиддинзода Б.**

*“Имзои Сафаров Ш.А. ва Муҳиддинзода Б.-ро тасдиқ мекунам”*

Нозири кадр ва коргузории АТТ М. Саидова

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ